*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар диссертатсия объекти таҳқиқот – амалиётҳои рақамии бонкии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳодшуда ба таври мушаххас оварда шудааст, ки он ба бандҳои 10.1.; 10.10.; 10.15.; 10.18.; ва 10.22.-и “Соҳаҳои таҳқиқот”-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки бо қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавқеъ ва мақоми амалиётҳои рақамии бонкиро дар таъмини рушди устувори низоми бонкии кишвар баҳогузорӣ намудан хеле мушкил аст. Дар шароити таҳаввулоти ҷаҳонии технологияҳои молиявӣ ва фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти мустақили хоҷагии ҷаҳонӣ бо масъалаи зарурияти рушди бемайлони инфрасохтори рақамии бонкӣ, ҳамчун омили калидии афзоиши дастрасии хизматрасонии молиявӣ, хосатан, дар шароити аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва нақлиётӣ ҷудо будани минтақаҳои он, дучор мегардад. Новобаста аз ноил шудан ба дастовардҳои назаррас дар самти паҳнгардии бонкинги мобилӣ ва ҷорӣ намудани пардохтҳои электронӣ сатҳи рақамикунонӣ беҳтариро талаб мекунад ва номгӯи хизматрасониҳои онлайнии пешниҳодшаванда хеле кам аст, ки ин ҳолат, дар навбати худ, воридшавии аҳолӣ ва субъекторони бизнесро ба муносибатҳои расмии молиявӣ маҳдуд мегардонад.

Дигар масъалаи муҳим дар самти амалиётҳои рақамии бонкӣ ин омодагии институтсионалӣ ва технологии бахши бонкии Тоҷикистон

барои дигаргунсозиҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад. Аксари ташкилотҳои қарзӣ бо мушкилоти марбут ба набудани кадрҳо дар самти технологияҳои инноватсионӣ, сатҳи баланди хатари амалиётӣ, нокомилии низомҳои дохилӣ, инчунин, набудани равиши ягонаи идоракунии низомҳои рақамӣ дучор меоянд. Ин барои рушди нобаробарии хизматрасониҳои рақамӣ сабаб шуда, эътимоди муштариёнро халалдор мекунад ва барои сохтмони экосистемаҳои муътадили молиявӣ монеагӣ мекунад.

Бинобар ин, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ, зарурият ва аҳамияти иқтисодии он, муайян намудани дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми бонкии кишвар ба ҳисоб рафта, аҳамияти баланди илмӣ ва амалиро дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот аз коркарди муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, ки рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо назардошти хусусиятҳои низоми бонкии ватанӣ равона карда шудаанд, ба шумор меравад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- заминаи илмӣ-назариявии амалиётҳои рақамии бонкӣ такомул дода шудааст ва бо назардошти хусусиятҳои миллӣ аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он муайян гардида, дар заминаи он тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст, ки зери он консепсияи фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро бо роҳи алтернативӣ, тавассути истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни рақамӣ амалӣ мегардонанд, фаҳмида мешавад;

- маълум карда шудааст, ки новобаста аз зиёд гардидани ҳаҷми амалиётҳои рақамии бонкӣ, суръати рушди он нокифоя арзёбӣ гардида, имкониятҳои афзун намудани он тариқи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, вусъат додани кор аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва, инчунин, тавассути ташкили ҳукумати электронӣ, таъсиси Вазорати рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ошкор карда шудаанд;

- нақши давлат дар рушди равандҳои рақамикунонӣ махсус қайд гардида, дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ муҳиммияти дар сатҳи олӣ қарор доштани масъалаи рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат тасдиқ карда шудааст ва дар ин замина пешниҳоди ба ҳайси ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст;

- бо мақсади оммавӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ пешниҳод гардида, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташкил намудани намудҳои нави ташкилоти қарзӣ - бонкӣ рақамӣ ё необонк асоснок карда шудааст; ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти муътадили низоми бонкӣ зарурияти ба муомилот баровардани пулҳои рақамӣ – «сомонии рақамӣ» қайд шудааст;

- тавассути истифодаи технологияҳои муосири технологӣ - бонкӣ, ки амалиётро бидуни истифодабарии ҷисмонии корти пардохтӣ ба анҷом мерасонад, дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шуда, зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди қарздиҳии рақамӣ, ворид намудани имконияти истифодаи гарави рақамӣ ва суғуртакунонии рақамӣ асоснок карда шуда, дар ин замина, рушди нишондиҳандаҳои асосии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешгӯӣ карда шудаст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерини илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки муаллиф ба даст овардааст, пешниҳод карда мешаванд:

- асосҳои назариявии амалиётҳои рақамии бонкӣ таҳқиқ шуда, моҳият ва зарурияти онҳо муайян гардида, дар ин асос тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст;

- таҳлили ҳолати имрӯзаи низоми бонкӣ ва амалиётҳои рақамии бонкӣ гузаронида шуда, муаммоҳои ҷойдошта мушаххас гардида, роҳи ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд;

- нақши давлат дар равандҳои рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, зарурияти ташкили Ҳукумати электронӣ асоснок гардидааст;

- пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо асоснок шудаанд;

- дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои рақамикунонӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ муайян карда шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккул ва рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ, зарурият ва аҳамияти иқтисодии он, муайян намудани дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ ва мантиқӣ, институтсионалӣ, индуксия-дедуксия ва динамикӣ, ҳамчунин, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ тасдиқ мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба вазоратҳо, сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ-методологии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ гардидаанд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳлил ва ҷамъоварии корҳои илмӣ-амалии аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ ва рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва методии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ арзёбӣ ва пешниҳод шудааст, иборат мебошад. Татбиқи амалии муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ ба тақвияти асосҳои консептуалӣ ва амалии амалиётҳои рақамии бонкӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи тадбирҳои мушаххас оид ба вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, созмони бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ истифода бурда шавад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавон дар фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ истифода намуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии амалиётҳои рақамии бонкӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёти рақамӣ, танзим, назорат ва такмили минбаъдаи он бо мақсади рушди устувори низоми бонкӣ, паст намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффофияти амалиётҳои молиявӣ аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанни фаъолияти бонкӣ, инчунин, дар курсҳои махсус оид ба амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ 11 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидаанд, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи "Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ", "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст ва "Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва автрефератҳо", ки бо қарори раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Сохтори диссертатсия** дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, 30 ҷадвал, 23 расм ва хулосаву пешниҳодҳо иборат буда, бо истифода аз 175 сарчашма таҳия гардида, дар 176 саҳифаи компютерӣ омода карда шудааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот муайян, ҳадаф ва вазифаҳо, инчунин, объект ва предмети кори илмӣ ошкор карда шуда, нуктаҳои асосии навгонии илмӣ баён гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада исбот ва маълумот дар бораи санҷишу татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, нашри натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 4-12).

Дар боби якум **«Асосҳои назариявии ташаккулёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ»** моҳият ва зарурияти амалиётҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ (саҳ. 13-25), аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамӣ дар шароити муосир (саҳ. 25-38) ва таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ (саҳ. 38-54) омӯхта шудааст.

Унвонҷӯй дар рисолаи худ қайд намудааст, ки омили мусбии пурзӯр шудани рақобат ташкилотҳои қарзиро водор намуд, ки муносибати худро ба маҳсулоту хизматрасониҳои анъанавӣ дигар намуда, пешкаш ва фурӯши онҳоро бо усулҳои нави инноватсионӣ, бо истифодаи техника ва технологияи нав ба роҳ монанд (саҳ. 13).

Ақидаи иқтисоддонони ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, муаллиф дуруст иброз кардааст, ки амалиётҳои рақамии бонкӣ ин хизматрасониҳое мебошанд, ки бо роҳи алтернативӣ, бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ба мизоҷон пешниҳод карда мешаванд. Ба таври васеъ ин мафҳум консепсияи фаъолияти бонкро дар бар мегирад, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро тавассути таҷҳизотҳои гуногуни рақамӣ (компютер, ноутбук, планшет, телефони мобилӣ) амалӣ мегардонанд (саҳ. 24).

Дар боби мазкур аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамиро дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода, муаллиф қайд менамояд, ки он, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ равона карда шудааст. Коҳиш додани нархи амалиётҳо аз ҳисоби гузариш ба амалиётҳои рақамӣ, сарфаи вақт, баланд бардоштани самаранокии кормандони ташкилотҳои қарзӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо – ин аст рӯйхати ноппураи аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамии бонкӣ. Ба он метавон илова намуд, болоравии рақобатпазирӣ аз ҳисоби технологияҳои муосир, ҷалби мизоҷони нав, ки намехоҳанд вақти худро барои ташриф ба ташкилоти қарзӣ сарф кунанд (саҳ. 37-38).

Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ ва истифодаи усулҳои мувофиқи он дар кишвар муаллиф чунин хулоса намудааст, ки ин масъала гувоҳӣ аз он аст, ки нақши давлат дар ин раванд калидӣ мебошад. Истифодаи таҷрибаи баррасишуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд истифода бурда шавад ва, пеш аз ҳама, аз чунин амалҳо иборат бошад:

1. Ташкили вазорати рақимикунонӣ дар замимаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар назди Президенти Тоҷикистон. Ба фикри мо, чунин самти рушди давлат чун рақамикунонӣ бояд статуси зарурӣ дошта, мақсади асосии он рақамикунонии ҳамаи равандҳои бо хизматрасониҳои давлатӣ

алоқаманд мебошанд. Ҳамзамон, ба ҳам пайвастани ҳамаи сохторҳо ва мақомотҳои давлатӣ тавассути платформаи иттилоотӣ (дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин платформа Egov, ё худ, Ҳукумати электронӣ мебошад).

2. Таҳия ва қабули Консепсияи давлатӣ оид ба рақамикунонии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Бонки миллии Тоҷикистон бояд рейтинги сатҳи рақамикунонии ташкилотҳои қарзиро таҳия намуда, ҳар сол онро расман аз чоп барорад.

4. Бо мақсади ҷалби мутахассисони ботаҷриба дар соҳаҳи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд IT-парк ташкил шавад. Ба резедентҳои IT-парк бояд шароити мусоид оид ба андозбандӣ (таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон), ба даст овардани раводиди кории дарозмуддат, аз байн бурдани талаботҳо оид ба квотаҳо барои мутахассисони хориҷӣ ва ғайра ташкил карда шаванд.

5. Қабули Кодекси рақамӣ – ин ҳуҷҷат бояд муносибатҳои байни ҳамаи иштирокчиён ва истифодабарандагони иттилооти рақамиро расман муайян намуда, ба танзим дарорад.

6. Ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон – рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ қабул карда шавад (саҳ. 53-54).

Дар боби дуюм **«Таҳлили ҳолати муосири амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** низоми бонкии ватанӣ дар шароити рақамикунонӣ (саҳ. 55-70), ҳолати муосири инфрасохтори амалиётҳои рақамии бонкӣ (саҳ. 70-85) таҳлил карда шуда, амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ (саҳ. 85-100) арзёбӣ гардидаанд.

Дар диссертатсия низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ таҳлил гардида, қайд шудааст, ки ҳангоми омӯзиш ва таҳлили сохтори ташкилотҳои қарзӣ-молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор норасоиҳо муайян шудааст. Ин, пеш аз ҳама, дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ намояндаи ягон бонки бонуфузи хориҷӣ, аз ҷумла, бонкҳои ИМА ва Аврупо вуҷуд надорад. Дуюм, намояндагии бонки калонтарини Ҷумҳурии Қазоқистон – Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Халиқ Бонк Тоҷикистон» фаъолияти худро қатъ намуд, инчунин, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2021, таҳти №108 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» дархости ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон» оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрии ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон» қонеъ карда шуд. Дар ин ҷо қайд шудааст, ки вуҷуд надоштани ташкилотҳои қарзии бузург ва бонуфузи ҷаҳонӣ ва давлатҳои ИДМ дар

низоми бонкии кишвар ба рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад (саҳ. 67-68).

Дар қисмати ин боб аз ҷониби унвонҷӯй ҳолати муосири инфрасохтори амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ гардида, қайд шудааст, ки рақамикунонӣ ба ворид намудани навовариҳои ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, он ба афзоиши иқтидори рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад ва яке аз муҳаррикони рушди иқтисодӣ мебошад, ки ҳам ба оптимизатсияи равандҳои тиҷоратӣ ва тақсимоти оптималии захираҳо ва ҳам ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад (саҳ. 84).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки амалиётҳои рақамии бонкӣ имкониятҳои васеъ барои ҷалби мизоҷони нав ва нигоҳдории мизоҷони амалкунандаро фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, технологияҳои рақамӣ барои ҷамъоварии маълумот оид ба мизоҷон ва амалиётҳои онҳо баҳри истифодаи ин маълумотҳо барои беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ва пешниҳоди маҳсулотҳои нави рақамии бонкӣ замимаи устуворро ташкил менамояд. Ҳамзамон, зикр шудааст, ки амалиётҳои рақамии бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ – олоти паст кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаронокии фаъолият аст (саҳ. 99).

Дар боби сеюм **«Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ»** тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ (саҳ. 101-114) пешниҳод карда шуда, ташкили бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ (саҳ. 114-128) асоснок карда шуда, дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 128-146) муайян карда шудааст.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқоти худ тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкиро дар ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки роҳҳои таъмини бехатарии амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ инҳоянд:

- пурзӯр намудани назорати давлатӣ ба масъалаҳои таъмини бехатарӣ ва риояи талабатҳо оид ба коҳиш додани хафвҳои мизоҷон ҳангоми амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ;
- вусъат додани чорабиниҳо оид ба рух надодани дуздии маълумотҳои мизоҷон аз тарафи хакерон;
- гузаронидани корҳои таблиғотӣ ва омӯзишӣ нисбат ба бехатар истифода бурдани амалиётҳои рақамии бонкӣ;

- таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони амалиётҳои рақамии бонкӣ аз тарафи давлат (саҳ. 111).

Унвонҷӯ дар асоси арзёбии имкониятҳои рақамии ташкилотҳои қарзии муваффақ бонкҳои рақамӣ ё необонкҳоро ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ пешниҳод намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки омӯзиши моҳияти бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ имконияти хулосабарориҳои зеринро дод:

Якум, барои ташкил намудани необонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои муайян лозим аст, аз ҷумла, институтсионалӣ, инфрасохторӣ, кадрӣ.

Дуюм, баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ.

Сеюм, тайёрии дохилии необонк барои фаъолият, ки барои оғози он бояд корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Пеш аз ҳама, бояд тайёрии техникӣ ва иттилоотиро дид, ки ин фундаменти кори необонк мебошад.

Чорум, тайёр будан ба хароҷотҳо дар марҳилаи аввал (оғози кор), (саҳ. 126-127).

Муаллиф дар асоси таҳлили амалиётҳои рақамии бонкӣ дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкиро дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намудааст. Ба фикри муҳаққиқ, қарздиҳии рақамӣ дарояндаи наздик бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуръат ёбад.

Қарздиҳии рақамӣ ин пешниҳоди қарз дар реҷаи онлайн буда, метавонад дорои гарав, ё ин ки бе гарав бошанд ва равандҳои қарздиҳӣ пурра рақамикунонӣ шудаанд. Яъне, ин маънои онро дорад, ки қарзи рақамӣ бидуни ташрифи ташкилоти қарзӣ ва дигар мақомотҳо (дар мавриди пешниҳоди қарз бо гарав) аз тарафи мизоҷ амалӣ мешавад. Яке аз маҳсулотҳои қарздиҳии рақамӣ, ки ба муаллиф барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад, ин қарздиҳии ипотекии рақамӣ мебошад. Ворид намудани ипотекаи рақамӣ бояд ба кам кардани хароҷотҳои ташкилотҳои қарзӣ оварда мерасонад, ки ин, дар навбати худ, ба коҳиш ёфтани фоизи ипотека бояд мусоидат кунад. Таҳлили аз тарафи унвонҷӯ гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ба ғайр аз кам кардани хароҷот ипотекаи рақамӣ дорои дигар бартариятҳо мебошанд, ки дар ҷадвали 3.6.-и диссертатсия ба таври пурра нишон дода шудааст (саҳ. 134-136).

Дар асоси омӯзиши мушкилот дар самти амалиётҳои рақамии бонкӣ унвонҷӯ хулоса ва пешниҳодҳои ҷолиби диққатро таҳия кардааст, ки онҳо ба рушди устувори низоми бонкии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо дорад:

1. Дар қисмати назариявии рисола хуб мешуд агар муаллиф муқоисаи равшан бо мактабҳои назариявӣ ва равишҳои методологии гуногун (масалан, системаи неоклассикӣ, дигитализм, банкинги кушода ва ғайра)-ро арзёбӣ ва матритсаи муқоисавии мафҳумҳо ва таҳлили бартарию норасогиҳои таърифи муаллифони хориҷию ватаниро дар муқоиса таҳия мекард.

2. Муаллиф ба таҳдидҳо ишора кардааст (масалан, хавфи иттилоотӣ), вале таҳлили системавии хавфҳо (стратегӣ, оператсионӣ ва кибербехатарӣ) бо дараҷаи эҳтимол, таъсир ва инчунин сиёсати кам кардани онҳо пешниҳод нашудаанд.

3. Қисмати таҳлилии рисола бештар характери ҷамъбастӣ дорад. Хуб мешуд агар муаллиф ин қисматро ба таври ташхисӣ ва интиқодӣ арзёбӣ мекард.

4. Дар таҳлили инфрасохтор ва технологияҳо, мавзӯи асосӣ – мушкилоти норасоии кадрҳо лар самти технологичҳои иттилоотӣ ТИ танҳо номбар шудааст, вале пешниҳоди омӯзишҳо, механизмҳои таҳсил, барномаҳои тайёр кардани мутахассисон, таҳлили кадрӣ ва таҳияи индикаторҳо барои баҳогузории тавоноии кадрии ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ нагардидаанд.

5. Мо чунин мешуморем, ки гузаронидани мусоҳибаҳо бо коршиносон дар соҳаи бонкдорӣ ва рақамикунонӣ ва истифодаи натиҷаҳои онҳо дар рисола муқаррароти илмии таҳқиқотро таъмин ва доираи назариявии онро васеъ менамуд.

6. Дар доираи қарорҳои "рақамӣ"-и дар амалия санҷидашуда, мебоист ба матни диссертатсия фикру ақида ва пешниҳодҳои муштариёни бонкҳо оид ба қаноатмандӣ ё норозигии онҳо аз навовариҳои пешниҳодшуда дохил карда мешуд. Ин муносибат тасдиқи иловагии дорои самти амалиявӣ доштани тавсияҳои муаллиф мегардид.

Бо ибрози чунин нуктаи назарҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқ ба талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

**Мутобиқати автореферат ба мазмуни асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи мақаррargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва муқаррароти асосии кори диссертатсиониро мухтасаран дар бар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ва тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардида, ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардида баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Исҳоқӣ Дилшод Илҳом сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба
илм ва инноватсияи Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон Бобоҷониён Даврон Дадоҷон

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17-ум мкр-н, хонаи 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
Web: http://tsulbp.tj; E-mail: bobojonovd@rambler.ru,
Телефон: + (992) 342223811; +(992) 927734646

ДДҲБСТ
имзои д.и.и. профессор Бобоҷониён Д.Д.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Х.